**Тақриз**

**ба автореферати кори диссертатсионии Боқизода Домулло Зафарҷон, ки дар мавзӯи "Тозакунии обҳои шорандаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ аз металлҳои вазнин (дар мисоли ҶДММ «Тоҷфилиз»)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ ба шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гирохимия пешниҳод шудааст.**

Солҳои охир бо эълон шудани ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии кишвар ва инчунин пас аз бадастовардани истиқлолияти энергетикӣ, махсусан ба истифода додани агрегатҳои аввали НОБ-и "Роғун" сабаб шуд, ки дар кишварамон сохтмони корхонаҳои азими саноатӣ бо суръати баланд афзоиш ёбад. Албатта ин раванд дар пешрафти иқтисодии мамлакат саҳми бузург хоҳад дошт, вале ин корхонаҳо дар натиҷаи фаъолияти худ партовҳои саноатиро низ ба вуҷуд меоранд, ки боиси ифлосгардии табиат ва захираҳои табиӣ мегарданд. Мусаллам аст, ки барои ҳар як истеҳсолкунанда нисбат ба бехатарии экологӣ ба даст овардани фоидаи молиявӣ дар мадди аввал меистад. Бинобар ин танҳо олимону муҳаққиқони мустақил метавонанд актуалии зарари партовҳои саноатиро мунсифона дақиқ ва илман асоснок намуда усул ва роҳҳои безараргардонии онҳоро коркард намоянд.

Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки мавзӯи кори диссертатсионии унвонҷӯ Боқизода Д.З. саривақтӣ ва актуалӣ буда, яке аз проблемаҳои мубрами аср – ифлосшавии обҳои табиӣ дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои саноатиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Объекти таҳқиқоти кори диссертатсионӣ обҳои шорандаи ҶДММ "Тоҷфилиз" мебошад, ки яке аз корхонаҳои аз ҷиҳати ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи маҳкамкунӣ азимтарин дар кишвар ба шумор меравад. Унвонҷӯ тавонистааст аз усулҳои муосири таҳқиқи хосиятҳои физикиву химиявии обҳои ифлосшуда бо истифода аз таҷҳизоти лабораторӣи замонавӣ истифода кунад ва натиҷаҳои боъэтимоду дақиқ ба даст орад. Дар таҳқиқоти мазкур ба ҳайси усули асосии тозакунии обҳои шоранда аз металлҳои вазнин усули маъмулӣ - коагулятсионӣ интихоб шудааст. Яке аз роҳҳои тақвият ва исботи самаранокии усули таҳқиқот – ин

гузаронидани ташхисҳои муқоисавӣ мебошад. Дар ин кори илмӣ бо мақсади гузаронидани ташхиси муқоисавӣ якчанд усулҳо ба монанди усули беоҳангардонии маҳлули коркардшуда бо истифода аз пероксиди гидроген, бо усули химиявӣ тозакунии маҳлули коркардшуда аз ионҳои металлҳои вазнин бо истифода аз оксиди калсий, гидроксиди натрий ва карбонати натрий ҳамчун такшонкунанда, усули коагулятсионӣ – ба ҳайси коагулянт сулфати алюминий, ҳамчунин флокулянт ва тиракунанда истифода шудааст. Аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки металлҳои вазнини таркиби ин обҳои шорандаро асосан руҳ, оҳан ва мис ташкил медиҳанд. Унвонҷӯ бо мақсади таҳқиқи вобастагии дараҷаи тозакунии обҳои шоранда ҳангоми параметрҳои гуногун ҳамаи комбинатсияҳои мавҷудбудаи ташхисро барои усулҳои химиявӣ ва коагулятсионӣ истифода намудааст. Масалан, барои усулҳои номбаршуда тағйирёбии электроноқилияти хос, дараҷаи шӯрӣ ва TDS-и маҳлул, таъсири pH-и муҳит ва ҳарорат ба раванди тозашавии маҳлули коркардшуда, вобастагии тирагии маҳлул аз омилҳои раванди тозакунӣ таҳқиқ карда шудаанд. Инчунин вобастагии параметрҳои физикию химиявии обҳои шоранда аз вояҳои реагентҳо, тиракунанда, вақти омехтакунӣ ва ҳарорат таҳқиқ карда шудааст. Барои назорати раванди такшинкунӣ ва коагулятсияи ионҳои металлҳо бошад усулҳои титриметрия, спектрометрияи атомӣ-абсорбсионӣ ва турбидиметрия истифода шудаанд. Дар натиҷаи бомуваффақият гузаронидани ҳамаи ин таҳқиқотҳои зарурӣ ба унвонҷӯ муяссар гардидааст, ки варианти оптималӣ ва илман асоснокшудаи усули тозакунии обҳои шорандаи ҶДММ “Тоҷфилиз” –ро коркард ва ҳамчунин нақшаи технологии тозакунии маҳлули коркардшудаи корхонаи мазкурро ихтироъ намояд, ки дорои нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №TJ 1247 мебошад.

Таҳқиқоти пешниҳоднамудаи Боқизода Д.З. асоси илмӣ дошта, натиҷаю хулосаҳои бадастомада аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Махсусан дар самти беҳдошти вазъи экологии захираҳои обӣ, коркард ва безараргардонии обҳои шорандаи корхонаҳои саноатӣ, омӯзиши усулҳои тозакунии об ва инчунин ҳамчун маводи илмию таълимӣ барои донишҷӯёну

омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи экология ва мӯҳити зист аҳамияти бузург хоҳад дошт.

Дар баробари афзалиятҳо дар таҳқиқоти илмии Боқизода Д.З. меҳоҳам якчанд эродҳо ва пешниҳодҳоро иброз намоям:

1. Хуб мешуд дар ҷавали 1-уми автореферат барои боз ҳам возеҳу равшан нишон додани нишондиҳандаҳо графаи КҲИ низ ҷойгир карда мешуд,

2. Аз натиҷаҳои бадастомадаи дар ҷадвали 5 инъикосёфта дида мешавад, ки вобаста ба баландшавии ҳарорат дараҷаи тозашавии маҳлули коркардшуда баланд гардидааст, вале барои дар ҳарорати нисбатан паст баланд бардоштани дараҷаи тозашавӣ таҳқиқот бурда нашудааст.

Эродҳои зикршуда арзиш ва актуалии кори диссертатсиониро кам намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Бинобар ин таҳқиқоти илмии Боқизода Д.З. аз ҷиҳати актуалӣ ва навгонии илмӣ ба талаботҳои шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ мувофиқат мекунад.

Муаллифи кори диссертатсионӣ Боқизода Домулло Зафарҷон – барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия сазовор аст.

Профессори кафедраи мошиносӣ ва
фаъолияти гумруки Донишкадаи иқтисод ва
савдои донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон номзади илми химия Қобилов Н.Қ.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к. Ленина 169
Телефон: (+992) 3422 6 03 21, E-mail: kobilov.1947@mail.ru
Имзои Профессор Қобилов Нарзулло Қобиловичро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи иқтисод ва савдои
донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Маҳмудов Ш..